МАЪРИФАТ, АДОЛАТ, САДОҚАТ, ҚОНУНИЯТ

# НАБЗИ МИЛИТСИЯ

№7 (71),
ИЮЛИ СОЛИ 2021
www.avkd.tj
avkdtj@mail.tj

НАШРИЯИ АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Авлавиятҳои сиёсати хориҷии давлат дар партави Паёми Пешвои миллат



Сиёсати хориҷии ҳар як давлат дар рушду нумӯъ ва шинохти он дар арсаи байналмилалӣ авлавият дорад. Барои Тоҷикистони соҳибистиқлол низ яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ ин сиёсати хориҷии он маҳсуб меёбад. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон самти инкишоф ва роҳи муайяншудаи давлатро дар фаъолияти байналхалқӣ зоҳир мекунад, ки ин муносибатҳо бо давлатҳои дигар вобаста ба принсип ва манфиатҳои он ба воситаи шаклу методҳои гуногун ба амал бароварда мешавад. Сиёсати хориҷӣ ҷузъи таркибии сиёсати дохилии давлат ба ҳисоб меравад. Шаклҳои асосии сиёсат (дохилӣ ва хориҷӣ) ба якдигар махлут мебошанд ва ҳатто дар мавридҳои муайян онҳоро ҷудо намудан номумкин аст. Сиёсати хориҷӣ маҷмӯи мақсад ва воситаҳои фаъолияти давлат дар соҳаҳои муносибатҳои якҷояи он бо дигар давлатҳо, халқу миллатҳо ва созмонҳои байналхалқӣ мебошад. Мақсади асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он зоҳир мегардад, ки бехатарии онро таъмин созад, шароити мусоиди сиёсати хориҷиро барои инкишофи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мадании мамлакат фароҳам оварад, ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд кафолат дода, онҳоро ҳифз намояд.

Самти сиёсати хориҷии ҷумҳурии мо дар марҳилаи кунунӣ дар Паёмҳои ҳамасолаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегардад.

Давомаш дар саҳ. 2

# Авлавиятҳои сиёсати хориҷии давлат дар партави Паёми Пешвои миллат




*(Аввалаш дар саҳ.1)*

29-уми сентябри соли 1993 бори нахуст дар таърих Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари ҷаласаи 48-уми Маҷмаи Умумии СММ баромад кард. Тоҷикистон ба рушди муносибатҳои дуҷониба бо дигар давлатҳо ва иштироки фаъол дар кори ташкилотҳои байналмилалӣ тадриҷан оғоз намуд. Дар солҳои муноқишаҳои сиёсӣ ва мусаллаҳона, Вазорати корҳои хориҷӣ дар раванди ҳалли мусолиматомези даргириҳо ва баргардонидани гурезаҳо ба макони зисти доимӣ фаъолона иштирок кард. Он замон қариб 70 ҳазор гурезаи тоҷик дар лагерҳо барои гурезагон дар қаламрави Афғонистон (Мазори Шариф, Шерхон-Бандар, Қундуз, Тошқӯрғон, Толиқон) қарор доштанд. Аз оғози соли 1993 роҳбарияти ҷумҳурӣ гурӯҳҳои кориро барои кор бо гурезаҳо равон мекард. Соли 1996 дар Толиқон Консулгарии Тоҷикистон кушода шуд, ки ба фароҳамоварии шароити зист ба гурезаҳои дар қаламрави Афғонистон қарордошта ва ба тадриҷ баргардондани онҳо ба ватан машғул буд. Дар натиҷаи ин саъю талош, дар давраи аз оғози соли 1993 то соли 1997 гурезаҳо аз Афғонистон ба ватан баргардонида шуданд. Намояндагони вазорат дар ташкил ва гузаронидани гуфтушунидҳои миёни тоҷикон иштирок карданд ва аз моҳи январи соли 1996 то анҷоми он вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т. Назаров ҳайати ҳукуматиро дар гуфтушунид роҳбарӣ намуд. Раванди музокироти миёни тоҷикон, ки моҳи апрели соли 1994 дар шаҳри Москва оғоз гардид, 27-уми июни соли 1997 дар пойтахти Федератсияи Руссия бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон хотима ёфт.

Тавре дар боло зикр гардид, аз соли 1992 Тоҷикистон ифтитоҳи намояндагиҳои дипломатии худро дар хориҷи кишвар оғоз намуд. Соли 1993 сафоратҳои кишвар фаъолияти худро дар Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Туркманистон оғоз намуданд. Дар замони Шуравӣ дар шаҳри Москва Намояндагии Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон дар назди Шӯрои Вазирони ИҶШС фаъолият мекард. Баъди ба даст овардани Истиқлолият, муассисаи мазкур ба Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Москва табдил дода шуд ва соли 1993 ҳамчун Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Руссия тағйири ном кард. 18-уми декабри соли 1993 бар асоси он Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Руссия таъсис дода шуд. Минбаъд сафоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дигар кишварҳое, ки ҷумҳурӣ бо онҳо ҳамкории мутақобилан судманд барқарор карда буд, ба фаъолият оғоз намуданд. Дар ҳоли ҳозир, Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ ва дар назди созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ 40 сафорат ва намояндагиҳои доимии худро ифтитоҳ намудааст. Баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ шуд ва 2-юми марти соли 1992 ба ҳайати Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуд ва аъзои САҲА, СҲИ, ЭКО ва дигар созмонҳои байналмилалию минтақавӣ гардид.

Дар солҳои охир Тоҷикистон макони баргузории чорабиниҳои бузурги байналмилалӣ гардид. Аз ҷумла, тобистони соли 2000 дар шаҳри Душанбе ҳамоишҳои "Форуми Шанхай" ва Фонди байналмилалии наҷоти Арал баргузор гардиданд. Моҳи октябри соли 2007 бори нахуст дар пойтахти Тоҷикистон "ҳамоиши сеҷониба" баргузор шуд, ки дар он мақомоти баландпояи Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Иттиҳоди иқтисодии Аврупо-сиё ва Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ мулоқот намуданд.

Моҳи августи соли 2008 дар шаҳри Душанбе нишасти 8-уми сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай бомуваффақият гузаронида шуд. Ҷониби қабулкунанда шароити заруриро барои кор ва иқомати меҳмонони баландпоя ва ҳайатҳои ҳамроҳи онҳо фароҳам сохт. Дар чанд соли ахир, дар пойтахти ҷумҳурӣ, чандин конфронси байналмилалӣ бо иштироки намояндагони бисёр кишварҳои ҷаҳон баргузор гардид, ки дар ҷараёни онҳо чунин масоили муҳими хусусияти ҷаҳонидошта, аз қабили истифодаи оқилонаи захираҳои об, пешгирии фалокатҳои экологӣ, офатҳои табиии марбут ба об, мубориза бар зидди терроризм ва маводи мухаддир, вазъи Афғонистон ва дигар масоил мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар изҳорот дар бораи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зимни иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати дувоздаҳум, ки санаи 9-уми сентябри соли 1991 қабул гардид, чунин дарҷ гардидааст: "Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байналмилалӣ ба сифати субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ баромад намуда, дар фаъолияти худ барои ноил шудан ба сулҳи пойдор, барҳам додани силоҳи ядроӣ ва дигар аслиҳаи қатли ом, роҳ надодан ба истифодаи қувва дар ҳалли баҳсҳо ва ихтилофоти байни давлатҳои озод, рушди ҳамкорӣ миёни онҳо дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ, ки дар назди инсоният истодаанд, талош меварзад".

"Таҷрибаи роҳандозии сиёсати хориҷии бисёрсамтӣ дар тӯли солҳои Истиқлолият нишон дод, ки ба роҳ мондани муносибатҳои дӯстона ва мутақобилан судманд бо кишварҳои гуногуни олам ва қутбҳои сиёсиву иқтисодии ҷаҳони муосир ба таҳкими пояҳои Истиқлолияти давлатӣ, рушди сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ, таъмини амнияти миллӣ ва касби ҷойгоҳи шоиста дар арсаи байналмилалӣ мусоидат намуд. Идомаи ин сиёсат, ки муносибати неки Тоҷикистонро ба ҳама миллатҳо ва кишварҳои ҷаҳон ва барқарории ҳамкориҳои мутақобилан судманди онро бо ҳамаи шарикони минтақавию байналмилалӣ ифода мекунад, дар марҳилаи ҳассоси сиёсиву амниятии минтақа ва ҷаҳони имрӯз низ ба манфиатҳои олии давлативу миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст", - менависад вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин **(Вазири умури хориҷаи Тоҷикистон дар мақолаи худ сиёсати ҷадиди хориҷии кишварро шарҳ дода, таваҷҷуҳи асосиро ба тақвияти ҳамкорӣ бо шарикони стратегӣ равона сохтааст).**

Санади муайянкунандаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" мебошад, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 27-уми январи соли 2015 таҳти №332 тасдиқ шудааст. Консепсияи мазкур аз "ҳадаф, вазифа ва самтҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити дигаргуниҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии кишвар ва ташаккули симои нави геополитикӣ дар ҷаҳону минтақа дар даҳаи дуюми асри XXI бармеояд. Консепсия таҳия ва роҳандозии чунин сиёсати хориҷиро пешбинӣ мекунад, ки он ба мутобиқ намудани рушди кишвар ба равандҳои тавсеаёбандаи ҳамгироӣ, минтақавишавӣ ва ҷаҳонишавӣ мусоидат намояд, имкониятҳои муносиби навро ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи хатару чолишҳои имконпазир ба амнияти миллии он фароҳам оварад, заминаҳои мусоидро барои татбиқи пайгиронаи манфиатҳои миллӣ дар асоси воқеъбинӣ ва мутавозинӣ таъмин кунад". **(Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон).**

Дар қисми 2-и Консепсияи мазкур "Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ" омадааст, ки таҳти таъсири бевоситаи раванди ҷаҳонишавӣ мушкилот ва таҳдиду чолишҳои замони муосир низ хусусияти глобалӣ касб карда, ба омилҳои нигаронкунандаи ҷомеаи инсонӣ табдил ёфтаанд. Ин таҳдиду чолишҳо чунин гурӯҳбандӣ мешаванд:

- рушди ноустувор ва нобаробари иқтисодӣ, шиддат ёфтани рақобат ҷиҳати дастёбӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва захираҳои стратегӣ, афзоиши бӯҳронҳои молиявиву иқтисодӣ;
- вусъати терроризми байналмилалӣ, қочоқи воситаҳои нашъадор ва силоҳ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ;
- густариши ифротгароии сиёсию мазҳабӣ, зиддиятҳои қавмиву нажодӣ, бархӯрди тамаддун ва тамоюлҳои идеологӣ;
- низоъҳои дохилидавлатӣ ва минтақавӣ, таассуб ва ҷудоихоҳии қавмиву нажодӣ, ташаннуҷи вазъи сиёсӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон;
- афзудани мушкилоти демографӣ, фақру нодорӣ, бекорӣ ва муҳоҷирати оммавии идоранашаванда;
- камбудӣ ё норасоии захираҳои ҳаётан муҳими моддӣ, пеш аз ҳама обу ғизо;
- тағйирёбии иқлим, мушкилоти экологӣ ва беҳдоштию эпидемиологӣ.

Дар баробари хатару чолишҳои мазкур, ки ба амнияти низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва аз ҷумла ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон чун ҷузъи таркибии ин низом таҳдид мекунанд, ҳамчунин омилҳои минтақавии зерин вуҷуд доранд, ки барои манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон хатарҳо маҳсуб мешаванд:

- бино ба мавқеи ҷуғрофии худ қарор гирифтани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар меҳвари манфиатҳои геополитикии ҷаҳони муосир;
- наздикии Тоҷикистон ба минтақаҳои хушунатбор, манбаъҳои зуҳури терроризм, марказҳои таълими ифротгароӣ ва маҳалҳои тавлиди воситаҳои нашъадор;
- тавсеаи фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ дар минтақа;
- имкони истифодаи қаламрави кишвар барои

қочоқи байналмилалии воситаҳои нашъадор ва интишори ғояҳои ифротгароӣ;

- ҳалношуда боқӣ мондани масъалаҳои делимитатсия ва демаркатсияи марзҳо миёни кишварҳои минтақа ва имкони барангехтани низоъҳо миёни қавму халқҳои минтақа;

- вуҷуди монеаҳои гуногун дар ҷодаи ҳамгироии муассири минтақавӣ, рафтуойи озоди одамон ва ҳамлу нақли бемамониати молу хизматрасонӣ;

- набудани ҳамкории воқеӣ дар истифодаи оқилонаи захираҳои обиву энергетикии минтақа;

- афзудани шиддати мушкилоти демографӣ ва экологӣ дар минтақа ва имкони истифодаи онҳо ҷиҳати барангехтани муқовимат дар ҷомеа.

Дар қисми 3-и Консепсияи мазкур мазмуни авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардидаанд: Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои сиёсати хориҷии худро бо дарназардошти ҳадафҳо ва манфиатҳои волои миллӣ муайян ва амалӣ менамояд. Хусусиятҳои геосиёсиву геоиқтисодии таҳаввулоти ҷаҳони имрӯза тақозо мекунанд, ки ин афзалиятҳо пайваста мавриди бозбинӣ қарор дода шаванд. Онҳо бо дарназардошти сатҳ ва муҳтавои муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои алоҳида ё гурӯҳи давлатҳо, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, инчунин бино ба ниёзҳои манфиатҳои милливу давлатӣ метавонанд тағйир пазиранд. **(Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон).**

Дар Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 сол яке аз бахшҳои мухим ба сиёсати хориҷии кишвар бахшида шудааст, ки дорои аҳамияти калон дорад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла дар Паём зикр намуданд:

"Дар даврони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон бо 178 кишвари ҷаҳон робитаҳои дипломатӣ барқарор карда, узви фаъоли созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ гардид.

Дар ин замина муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории мо, пеш аз ҳама, бо ҳамсояҳои наздикамон - кишварҳои Осиёи Марказӣ, ҳамчунин, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки дар низоми муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон мақоми хосса доранд, дар ҳамаи самтҳо тақвият ёфта истодаанд ва мо ин сиёсатро дар оянда низ густариш медиҳем.

Масъалаҳои таҳкиму густариши ҳамкориҳои гуногунҷанба бо шариконӣ стратегӣ ва рушди мо - Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Иттиҳоди Аврупо ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико чун ҳамеша дар сархати авлавиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон боқӣ мемонанд.

Мо, ҳамчунин, мутобиқ бо ҳадафҳои дарозмуддати стратегии худ муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои барои ҷонибҳо судмандро бо кишварҳои ба мо дӯсту хайрхоҳи ҷаҳони ислом, Ховари Миёна, Осиёи Ҷанубӣ, Ҷануби Шарқӣ, Укёнуси Ором, Африқову Амрико ба роҳ монда, рушду тавсеа хоҳем бахшид.

Қобили зикр аст, ки Ҳукумати Тоҷикистон аз соли 2007 ислоҳоти низоми рафтуомади шаҳрвандони хориҷиро идома дода, ҳоло барои шаҳрвандони 112 кишвар тартиби соддаи таҳия ва ба расмият даровардани раводидро муқаррар кардааст.

Зарур аст, ки ҷиҳати ҷалби бештари сайёҳон ва сармоягузорони хориҷӣ ин раванд боз ҳам такмил дода шавад.

Мо муносибатҳои шарикиро бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар чорчӯби созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ роҳандозӣ намуда, рушди ҳамкориҳоро дар ин самт идома хоҳем дод.

Дар ин робита, мо ҳамкориро бо Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои тахассусии он, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва Созмони ҳамкории исломӣ, ҳамчунин, бо шарикони рушд ва ниҳодҳои молиявии байналмилаливу минтақавӣ идома ва густариш медиҳем.

Соли ҷорӣ Тоҷикистон раёсатро дар сохторҳои бонуфузи минтақавӣ - Созмони ҳамкории Шанхай ва Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ба уҳда дорад.

Имсол аз таъсисёбии Созмони ҳамкории Шанхай бист сол сипарӣ мегардад.

Тоҷикистон ҳамчун яке аз муассисони Созмони ҳамкории Шанхай аз рӯзҳои аввали таъсис ёфтани он дар пешрафту такомули ин созмон саҳми босазо гузошта истодааст.

Тоҷикистон ба туфайли татбиқи пайгиронаи сиёсати хориҷии худ тавонист, ки то имрӯз дар баррасӣ ва ҳалли мушкилоти гуногуни глобалӣ низ саҳми назаррас гузорад.

Дар ин замина, Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба ҳайси кишвари пешбар дар ҳалли масоили мубрами амниятӣ, обу экология ва тағйирёбии иқлим эътироф гардидааст.

Ҳифзи сулҳу субот ва таъмини амнияти пойдор дар минтақаи Осиёи Марказӣ, тавре ки борҳо таъкид карда будам, дар сархати авлавиятҳои калидии сиёсати хориҷии давлати мо қарор дорад.

Пӯшида нест, ки Тоҷикистон дар хатти пеши мубориза бар зидди таҳдиду хатарҳои замони муосир қарор дошта, дар таъмини амнияти минтақа нақши муҳим дорад.

Аз ин лиҳоз, мо минбаъд низ бо кишварҳои минтақа ва ҳамҷавор, аз ҷумла бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва дигар шарикони худ ҳамкории зичу судмандро дар соҳаи амният идома хоҳем дод.

Мо итминон дорем, ки ба суботу амнияти пойдор дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон метавон танҳо аз тариқи раванди сулҳе расид, ки аз ҷониби Ҳукумати Афғонистон ва мардуми он идора, назорат ва пеш бурда мешавад.

Идомаи муаррифии шоистаи нақшаҳои бунёдкорона, иқдомҳои сулҳҷӯёна ва азму ниятҳои неку созандаи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ, ҳамчунин, ҳузури фаъоли кишвари мо дар раванди ҳаллу фасли мушкилоти олами муосир аз ҷумлаи ҳадафҳое мебошанд, ки барои расидан ба онҳо минбаъд низ кӯшиш ба харҷ хоҳем дод.

Ба ин манзур, мо дар оянда низ фаъолияти байналмилалии худро мутобиқ ба муқарраротӣ Консепсияи сиёсати хориҷии давлатамон бо саъю талоши бештар идома хоҳем дод".

Гуфтаҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бозгӯи амалигардонии Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сиёсати дарҳои кушод дар сиёсати хориҷии кишвар маҳсуб меёбанд.

Воқеан ҳам имрӯзҳо дар остонаи таҷлили иди муқаддаси миллӣ - 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари мо мизбони муҳимтарин ҷаласаҳои сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад. Пойтахти Тоҷикистони азизамон - шаҳри Душанбе, аз рӯи пажӯҳиши Маркази байналмилалии омӯзиши афкори омма "Global Lawand Order-2020" ба номгӯи даҳгонаи шаҳрҳои амнтарини ҷаҳон ворид гардида, сокинони он худро дар амният эҳсос намуда, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар эътимод доранд.

Ҳамаи ин талошҳо аз заҳматҳои шабонарӯзии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Тоҷикистон дарак дода, боз ҳам обрӯ ва манзалати кишвари азизамонро дар арсаи байналмилалӣ боло мебарад ва ифтихори баланди ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон ва тоҷикони бурунмарзӣ аст.

***Б. Асламов,***
***ходими калони илмии Академия, полковники милитсия***
***Муҳаммад С.А.,***
***сардори кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети №2, номзади илмҳои сиёсӣ***



# Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт

Мардуми Осиёи Марказӣ - тоҷикҳо, ӯзбекҳо, қазоқҳо, туркманҳо, қирғизҳо ва дигар қавму қабилаҳои эронитабору турктабор дар тӯли ду ҳазор соли охир, муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва садҳо ҳодисаву воқеаҳои табиӣ ва иҷтимоиро бо ҳам гузарониданд, сардию гармиҳои зиндагиро якҷо чашида, то имрӯз рӯзгори худро пеш мебаранд. Онҳо дар тӯли ҳазор соли охир бо якдигар зиёд омезиш ёфтаанд.

Миллатҳое, ки дар баробари ҳифзи асолату вижагиҳои миллии худ ҳамзамон бо дигар миллатҳо робитаи фарҳангӣ ва таърихӣ доранд, дар ҷаҳон кам нестанд, аммо мисли миллатҳои тоҷику ӯзбек кам метавон миллатеро вохӯрд, ки аз лиҳози равониву ахлоқӣ, урфу одату анъана ва шеваи зиндагӣ ба ҳам шабоҳат дошта бошанд. Ин ду миллат дар масири таърихи тӯлонии ҳамзистии худ он қадар ба ҳам таъсир гузоштаанд, ки дигар на фақат дар куллиёт, балки дар ҷузъиёти шеваи зиндагиашон низ тафовуте боқӣ намондааст. Онҳо дар ин минтақа нисбат ба дигар қавму миллатҳо бештар дар омезишанд. Онҳо чунон омезиш ёфтаанд, ки нишонаҳои онро дар тамоми рӯзгори моддӣ ва маънавии мардум метавон пайдо кард. Беш аз ҳазор сол аст, ки таърих, забон, адабиёт, расму оин ва ба таври куллӣ, фарҳанги ин ду миллат ба ҳамдигар таъсири мутақобила доштаанд. Фаъолияти муштараки ин ду миллат то ҷое расидааст, ки дар аксар маврид онҳоро аз якдигар ҷудо кардан мушкил аст. Агар ба забони ин ду миллат таваҷҷуҳ намоем, мебинем, ки ҳазорон вожаҳои тоҷикӣ ё баръакс, вожаҳои зиёди ӯзбекӣ вориди забони якдигар гардида, хазинаи луғавии ҳамдигарро ғанӣ сохтаанд.

Дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек аз қаъри таърих сарчашма мегирад. Тоҷикону ӯзбекон аз халқҳое мебошанд, ки дар лаҳзаҳои ғаму шодӣ, барору нобарорӣ, нокомию пирӯзиҳо бо ҳам буданд. Ҳамин аст, ки фарҳангу тамаддуни ҳар ду миллат ба ҳамдигар пайвастагии ногусастанӣ ва шабоҳатгари якдигаранд. Дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбекро метавон дар робитаҳои дӯстонаи шоирони гузаштаи ин ду халқ - Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ, ки бо ҳам робитаҳои неки дӯстӣ ва устодиву шогирдӣ доштанд, низ хуб эҳсос кард.

Мир Алишер Навоӣ то охири умр ҳамчун шогирди вафодор ба Мавлоно Ҷомӣ содиқ монда, ҳамеша дар осори хеш хислатҳои бузурги инсондӯстонаи пирашро ба некӣ ёд оварда, бо як меҳру муҳаббат оид ба хоксорӣ, фурӯтанӣ, ҳимматбаландӣ, саховатпешагӣ, хайрхоҳӣ ва дигар хислатҳои ҳамидаи ӯ ишора ва дар шеъру шоирӣ, фалсафаю ҳикмат, шариату тариқат забардаст будани устодашро зикр кардааст.

Дар ҳақиқат, ин ду адиб дар замони худ барои мардумонашон хидмати шоиста карда, ба хазинаи бекарони адабиёти бадеӣ осори гаронбаҳоро ба мерос мондаанд, ки аз онҳо то ба имрӯз аҳли башар истифода намуда, ба хираду дониш ва рафоқату дӯстии онҳо таҳсин хондаанд. Ба ғайр аз ин, Мир Алишер Навоӣ ба шогирди устоди худ Камолиддин Абдулвосеъ дастур додааст, ки дар бораи шахсият ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ рисолае таҳия намояд. Ин пешниҳодро ӯ бо камоли меҳр писандида, рисолаи "Мақомоти ҳазрати Мавлоно Ҷомӣ"-ро таълиф намудааст, ки дар шинохти шахсияти ирфонию адабии шоир ва муносибати дӯстонаи ин ду нобиғаи Шарқ - Ҷомӣ ва Навоӣ нақши беназир дорад. Вай дар як муддати кӯтоҳ бо камоли меҳр зиндагӣ ва рӯзгори шоирро батафсил шарҳ дода, мақоми ӯро дар адабиёту ирфон ва дигар илмҳои замонаш васеъ тавзеҳ кардааст.

Мавлоно Ҷомӣ ба ғайр аз Алишер Навоӣ ба шоирони дигари ӯзбек - Лутфӣ ва Муҳаммад Солеҳ ҳаққи устодӣ доштааст. Ба Лутфӣ нозукиҳои таълифи ғазалро омӯзонда, ба Муҳаммад Солеҳ илми фасоҳат ва балоғатро таълим додааст. Лутфӣ дар охири ҳаёташ ҳатто ба забони тоҷикӣ байте навишта будааст, ки бо ишораи Навоӣ онро Ҷомӣ ба анҷом расондааст.

Ҳамин хислатҳои неки дӯстонаи адибони номбурдаро шоирони баъдӣ идома дода, ба он сифатҳои нав ҳамроҳ кардаанд. Дар садаи XX устод Садриддин Айнӣ идомадиҳандаи анъанаҳои неки чандасраи равобити дӯстонаи тоҷикон ва ӯзбекон буда, дар ин роҳ хидмати шоистаеро ба анҷом расондааст. Дар баробари ин, устод Айнӣ ду асари бунёдии дигар дар бораи ду адиби ӯзбек - Муқимӣ ва Алишер Навоӣ таълиф карда, нақши онҳоро барои адабиёт ва фарҳанги тоҷику ӯзбек рӯшану барҷаста муайян кардааст.

Устод Айнӣ, инчунин донандаи хуби забони ӯзбекӣ буда, анъанаи зуллисонайниро идома додааст. Дар солҳои бистуму сиюми асри XX бошад, мақолаҳои зиёди устод Айнӣ бо забони ӯзбекӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳои Ӯзбекистон чоп шуда, дар онҳо адиб халқи заҳматкаши ӯзбекро барои ба даст овардани саводу дониш ва рушди мактабу маориф даъват кардааст.

Ҳамин анъанаи неку писандида ва дӯстиву рафоқати ду халқи ҳамсояро баъдан ду шахсияти барҷастаи фарҳангу сиёсат - Мирзо Турсунзода ва Шароф Рашидов идома дода, ба он мазмунҳои баланди инсондӯстона ва башардӯстона ҳамроҳ намудаанд.

***Ҳ. Наҷмиддинов,***
***курсанти курси 3 факултети №2***

# Дастовардҳои даврони Истиқлолият

Истиқлолияти давлатӣ дастоварди бузург дар таърихи давлатдории тоҷикон мебошад. Истиқлолият мафҳуми арзишманд ва дар навбати худ калидие мебошад, ки ноил гардидан ба он шарафи бузург барои ҳар як миллат аст. Истиқлолияти давлатӣ ба он мусоидат намуд, ки рушди босубот дар кишвар таъмин гардад, сатҳи некуаҳволии аҳли ҷомеа беҳтар шавад ва натиҷаҳои бузург дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба даст оварда шаванд.

Ба роҳ мондан ва татбиқи се ҳадафи стратегӣ дар даврони Истиқлолият имконият фароҳам овард, ки вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар кишвар рушд ёбад ва такони ҷиддие дар сатҳи некуаҳволии ҷомеа ба амал ояд. Албатта, Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, ки таърихи 30-сола дорад, ба он мусоидат намуд, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар дастоварду комёбиҳои беназир ба даст оварда шаванд. Ҳамаи дастовардҳоеро, ки мо дар ин муддат ноил гардидем, номбар намудан ғайриимкон аст, вале ба назари мо муҳимтарини онҳо аз инҳо иборатанд:

### Давлатдории миллӣ

Яке аз дастовардҳои сиёсии Истиқлолияти давлатӣ ин ба даст овардани давлатдорӣ мебошад. Маҳз дар сатҳи давлатдорӣ як миллат ё халқ метавонад сохти ҳаёти иҷтимоӣ, низоми сиёсӣ ва шакли идоракунии давлатро нишон диҳад ва дар навбати худ низоми ҳуқуқии миллиро таъсис диҳад. Аз ин лиҳоз, дар таърихи муосири Тоҷикистон ба даст овардани давлатдории миллӣ падидаи нодир буда, дастоварди беназири Истиқлолият мебошад.

### Ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот дар ҷомеа

Раванди ба даст овардани Истиқлолият дар ҷумҳурии мо назар ба дигар ҷумҳуриҳои осиёимиёнагӣ бе қурбониҳо ва душвориҳои сангин ба даст наомад. Дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа нофаҳмиҳо ба вуҷуд омаданд, ки билохира ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонданд. Хушбахтона, фарҳанги бузурги тоҷикон ғалаба кард ва дар тафаккури шаҳрвандон ҳисси ягонагӣ, ваҳдат, ҳамдигарфаҳмӣ, гузаштан аз ҷурми якдигар ба умеди шукуфоии оянда боло гирифт. Сулҳу ваҳдат дар кишвар пойдор гардид. Маҳз ваҳдати миллӣ ва сулҳ нуктаҳои калидие буданд, ки Истиқлолияти давлатиро таҳким бахшиданд ва роҳро барои рушди иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии кишвар кушоданд. Инчунин, сулҳ имкон дод, ки ихтилофҳо дар кишвар хотима дода шуда, тамоми гурезаҳо ба Ватан баргардонда шаванд ва як заминаи воқеӣ барои ҷомеа амну субот дар кишвар муҳайё карда шавад.

### Арҷгузорӣ ба забон, таърих ва фарҳанги миллӣ

Истиқлолияти давлатӣ барои мо имкон дод, ки бахри ҳифзи забон, таърих ва фарҳанги ниёкони худ аҳамияти махсус диҳем. Чунки забони миллии мо ифодакунандаи таърих ва саргузашти миллат, воситаи муҳими мавҷудияти миллати тоҷик баҳри дарки ҳувияти он дар тӯли асрҳо ба шумор меравад. Истиқлолияти давлатӣ барои рушди забони тоҷикӣ, ҳамчун забони давлатӣ шароити мусоид фароҳам овард, ки ҳифзу гиромидошт ва тозагии он вазифаи ҳар як фарди бонангу номуси кишвар мебошад.

Бояд зикр намуд, ки дар даврони Истиқлолият бахри бедории худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ, назари амиқ намудан ба таърихи миллати тоҷик ва расму оинҳои миллӣ, рушди фарҳанги миллӣ ва ғайра, корҳои зиёде ба амал бароварда шуданд.

Инчунин, баргузор намудани ҳамоишҳои илмӣ бахри бузургдошти фарзандони бузурги миллат бо ҷалби олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ низ дастоварди азими даврони Истиқлолият ба шумор меравад. Ин ҷашнҳо, аз як тараф бозгӯкунандаи он ҳастанд, ки насли муосир бидонад, ки чунин таърихи воло ва аҷдодони барӯманд дорад ва аз тарафи дигар, омили тақвиятбахшандаи ваҳдати миллӣ ва ҳамгироии шаҳрвандон дар зери парчами давлати мустақил бар зидди таҳдидҳои ҷаҳони муосир мебошад.

### Заминаи воқеии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар

Истиқлолияти давлатӣ барои рушди иқтисодиёти ватанӣ шароити хуб фароҳам овард. Амалӣ гардондан ва тақвият бахшидани барномаҳои се ҳадафи стратегӣ - "баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ", "таъмини амнияти озуқаворӣ" ва "ба даст овардани Истиқлолияти энергетикӣ" вазифаҳои аввалиндараҷа буда, мусоидат намуданд, ки ба ҳалли масъалаҳои зарурии иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа буда, пеш аз ҳама, бахри ҳайё намудани заминаҳои воқеӣ дар кишвар оид ба рушди соҳибкорӣ ва дар маҷмӯъ, баланд бардоштани иқтисодиёт муҳим мебошанд.




Рушди иқтисодии кишвар омили муҳим барои тақвияти ваҳдати миллӣ дар даврони Истиқлолият низ мебошад. Дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ корхонаҳои нав бунёд мегарданд ва ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд меоянд, ки боиси рушди ин ё он маҳал ва баланд гардидани сатҳи иқтисодии аҳли ҷомеа мегардад. Гурӯҳҳои иҷтимоӣ-этникӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар саҳми худро мегузоранд. Аз тарафи дигар, дар даврони Истиқлолият муҳоҷирати дохилӣ низ тақвият пайдо кардааст, ки боз ҳам такони ҷиддие барои ҳамгироии намояндагони минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ва ваҳдати миллӣ мегардад.

Бунёди роҳҳои оҳан ва автомобилгард, ба монанди "Роҳи мошингарди Бадахшон", "Нақби Истиқлол", "Роҳи оҳани Хатлону Кӯлоб", бунёди НБО-и "Роғун", неругоҳҳои "Сангтӯда-1", "Сангтӯда-2" қадами бузург бахри иҷрои ҳадафҳои стратегӣ ва омили муҳим бахри ҳамгироии ҷомеа мебошанд.

Ба ғайр аз ин, ба таври куллӣ дар сохтори иқтисодиёти кишвар дигаргунӣ ворид карда шуда, дар он асоси бозътимоди меъёриву ҳуқуқӣ таъсис дода шуда, фазои муътамади инвеститсионӣ фароҳам оварда шуд.

### Паёмҳои Президент дастовард ва таҷрибаи бузурги Истиқлолият

Ирсоли Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат низ яке аз дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, Паёмҳое, ки ҳамасола ба Маҷлиси Олии ҶТ ва метавон гуфт, ба тамоми мардуми шарифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Президенти кишвар пешниҳод мегарданд, ифодакунандаи вазъи воқеии ҳам сиёсати дохилӣ ва ҳам хориҷии кишвар мебошанд. Албатта, ирсоли Паёмҳо талаби замон буда, зарурати воқеиеанд, ки масъалаҳои асосии ҷомеаро дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, метавон чанд масъалаи усулии онро баён намуд:

Якум, Паёмҳои Сарвари давлат дар худ ҷанбаи сафарбаркунандагӣ доранд. Яъне Паёмҳо ҳамасола ба Маҷлиси Олии ҶТ пешниҳод мегарданд ва худ ифодакунандаи ҳамон се ҳадафи стратегӣ мебошанд.

Дуюм, дар Паёмҳо хусусияти раҳнамоикунанда ифода ёфтааст. Воқеан дар Паёмҳо фаъолияти яксолаи тамоми сохторҳои ҷомеа таҳлилу ҷамъбаст ва вазифаҳои нав барои рушди соҳаҳо пешниҳод мегарданд.

Сеюм, Паёмҳо ҷанбаи барномавӣ доранд. Паём ҳамчун барномаи яксола барои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ баромад менамояд.

Чорум, Паём ҷанбаи ҳамгироикунандагӣ ва таҳкимбахши ваҳдати миллӣ дорад. Дар онҳо нуктаҳои асосӣ ва масъалаҳои калидии ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа ифода меёбанд, ки онҳо ба ҳаёти ҳар як фарди ҷомеа мусоидат менамоянд. Ин омил метавонад бахри муттаҳидӣ ва ҳамгироии тамоми қишрҳои ҷомеа хидмат намуда, дар зери як ҳадаф муттаҳид гардидан ва бахри ҳаёти солиму созанда камари ҳиммат бастан мусоидат менамояд.

### Қабули Қонунҳо "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"

Қабул гардидани Қонун "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" иқдоми бузург ва роҳи башардӯстона бахри ҳифзи вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа буда, пеш аз ҳама, бахри баркарор намудани адолати иҷтимоӣ равона гардидааст. Таҷрибаи амалӣ гардидани Қонуни танзим нишон дод, ки дар ҷомеа сатҳи маърифатнокии мардум нисбат ба расму оинҳо баланд гардид, аҳли ҷомеа хурофотро аз маросимҳои воқеан муҳими милливу динӣ фарқ намуд, як муҳити воқеан равонии баробарӣ миёни қишрҳои гуногуни ҷомеа баркарор гардид.

Ҳамзамон, дар ин муддат як раванди тарбиявӣ доштани қонун падид омад, ки метавонад кирдорҳои номатлуби худнамоӣ ва зоҳирпарастиро аз байн барад.

Бояд зикр намуд, ки ҷашну маросимҳо ва анъанаҳо аз насл ба насл омадаанд ва онҳо дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо ҳамчун омилҳои зарурии иҷтимоӣ зуҳур намудаанд. Аксари ҷашну маросимҳо баёнгари арзишҳо ва асолатҳои фарҳангии мо бошанд ҳам, вале онҳоро ба як низоми муайян даровардан ва тибқи талаботи замони муосир амал намудан хеле зарур аст.

Ҳамчун таҷрибаи беназир ва дастоварди бузург метавон Қонуни ҶТ "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"-ро ҳисоб намуд, ки мақсад аз қабул гардидани он тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва эҳтироми арзишҳои миллӣ мебошад. Дар даврае, ки ҷомеаи моро хатарҳои зиёд таҳдид менамоянд, бояд ҳар як падару модар дар тарбияи фарзандон масъул бошанд, ки онҳо бояд ба ҷомеа фарзандони рӯҳан ва ҷисман солим диҳанд.

### Сиёсати хориҷии Тоҷикистон - сиёсати хориҷии муваффақ

Истиқлолияти давлатӣ ба он мусоидат намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии худро рушд диҳад ва бо аксар давлатҳои минтақа ва фароминтақавӣ муносибатҳои дипломатӣ, иқтисодӣ ва тиҷоратӣ баркарор намояд. Махсусан, бо пешбурди "сиёсати дарҳои боз", ки аз соли 2003 роҳандозӣ шудааст, Ҷумҳурии Тоҷикистон муваффақ гардид, ки мавқеи худро дар сиёсати байналмилалӣ устувор созад. Аз ҷумла, яке аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон "сиёсати дарҳои боз" мебошад.

Инчунин, дар давоми 30 соли Истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон худро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун ҷумҳурии демократӣ, мустақил, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муаррифӣ намуда, бо аксар кишварҳои дунё ва созмонҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкорӣ баркарор намудааст. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои як қатор созмонҳои бонуфузи минтақавӣ ва фароминтақавӣ, ба монанди СММ, САҲА, Созмони конфронси исломӣ, ЭКО, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай ва ғайра мебошад.

Падидаи муҳими дигар дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани пешниҳодҳо дар сатҳи байналмилалӣ мебошад. Ин пешниҳодҳо бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва дарки баробариву ҳамкории судманд дар сатҳи байналмилалӣ манзур гардиданд. Махсусан, дар соҳаи об аз ҷониби Сарвари давлати мо ин ташаббусҳо - Соли байналмилалии оби тоза, соли 2003, Даҳсолаи амалиёти байналмилалии "Об барои ҳаёт", солҳои 2005-2015, Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, соли 2013 ва Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор", солҳои 2018-2028 пешниҳод гардиданд, ки Созмони Милали Муттаҳид онҳоро дастгирӣ ва доир ба онҳо қатъномаҳои алоҳида қабул намуд.

Бояд зикр кард, ки ташаббуси Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор", солҳои 2018-2028, ки расман санаи 22-юми марти соли 2018 оғоз гардид, ба ин муносибат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 72-юми СММ суханронӣ намуда, таъкид карданд, ки масъалаи об ва таъмини он яке аз масъалаҳои муҳими инсоният ба шумор рафта, фаъолияти дастаҷамъона ва муносибати ҷиддиро тақозо менамояд.

Инчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви фаъоли созмонҳои бонуфузи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ доир ба масъалаҳои актуалии ҷаҳони муосир пешниҳодҳои худро иброз намуда, мавқеи худро муайян менамояд.

→

## Рушди маориф - дастоварди сиёсати дохилӣ

Бунёд ва навсозии муассисаҳои таҳсилотӣ ва тиббӣ, аз ҷумла мактабҳо, беморхонаҳо, литсейҳо, донишкадаву донишгоҳҳо дар саросари кишвар аз ҷумлаи амалӣ намудани барномаҳои маърифатноккунии ҷомеа ба шумор мераванд. Дар ин самт вазифаи асосӣ на танҳо сохтмон, балки ба талаботи замон ҷавобгӯ будан ва муҳайё намудани шароити муосири таълим ва таҷҳизоту лавозимоти замонавӣ, аз ҷумла, технологияҳои иттилоотӣ ва дигар воситаҳои техникӣ мебошад. Ҳамаи ин барои тарбияи дурусти насли наврас, баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омӯзиши илмҳои дақиқ ва ба забономӯзӣ ҳидоят намудани хонандагон, дар рӯҳияи ватандӯстиву ифтихори миллӣ ва арзишҳои милливу умумибашарӣ мусоидат хоҳад намуд.

## Истиқлолият ва таъмини озодии виҷдон

Рушди минбаъдаи давлатдорӣ дар Тоҷикистон як қатор масъалаҳоро дар муносибат бо дин ба амал овард, ки бевосита машрӯияти ин муносибатҳо ба вуҷуд омаданд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои ҳамаи шаҳрвандонро новобаста аз ҷинс, миллат, забон ва муносибат ба дин кафолат медиҳад. Конунҳои дар ин раванд қабулгардида бо қонунҳои байналмилалии ҳуқуқи башар ба ҳеҷ ваҷҳ мухолифат намекунанд. Ба ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои динӣ мақоми ҳуқуқӣ дода шуд, ки бо риояи қонунуниятҳои амалкунанда фаъолияти худро пеш баранд. Албатта, принсипи конститутсионии давлати дунявӣ водор мекунад, ки давлат аз ташкилотҳои динӣ ҷудо бошад. Ҳамин тариқ, қонунҳои мансуб ба озодии виҷдони шаҳрвандони кишвар дар асоси принсипи муайян ба низом дароварда шудаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати дунявӣ аст, ин ҳуқуқ ва озодиҳо низ дар асоси принсипи ҷудо будани ташкилотҳои динӣ аз давлат ба роҳ монда шудаанд. Дар асоси Конститутсияи ҶТ ва қонунҳои амалкунанда, озодии виҷдони ҳар як шаҳрванд кафолат дода мешавад. Ҳар кас метавонад ба ин ва ё он дин пайравӣ кунад ва ё накунад. Дар моддаи 26 Конститутсия чунин омадааст: "Ҳар кас ҳақ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд".

Ҳамин тариқ, модели ҳамзистии муваффақи пайравони дину мазҳабҳо дар ҷумҳурии мо аз ҷониби созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ эътироф гардидааст. Дар ҷумҳурӣ пайравони динҳои гуногун ба масҷидҳо ва ибодатгоҳҳои мазҳабии худ озодона мераванд.

## Истиқлолият ва ҷавонон

Дар даврони Истиқлолият таваҷҷуҳи хосса додан ба насли наврас ва ҷавон аз ҷумлаи дастовардҳои беназир мебошад. Чунки ин наслояндаи миллат буда, бақои давлат ва Ватан мебошад. Аз ҷониби Ҳукумати ҶТ барномаҳо ва консепсияҳо оид ба маърифатнок кунии насли ҷавон ҳамчун насли солим ва бомаърифат қабул гардидаанд.

Бояд зикр кард, ки дар ин замина соли 2017 "Соли ҷавонон" эълон гардида буд.

Ҳамин тариқ, дар даврони Истиқлолият дастовардҳо зиёд бошанд ҳам, муҳимтаринашонро зикр намудем. Албатта, дар самти рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар, таҳкими ваҳдати миллӣ ва таъмини амнияти миллӣ дар кишвар муваффақиятҳои калон ба даст омада бошанд ҳам, вале барои рушди кишвар корҳои зиёдеро бояд ба анҷом расонд. Дар ин раванд яке аз иқдомҳои муҳим мубориза бо фасод, хурофот ва дигар амалҳои нангин бояд бошад. Танҳо низоми афзалиятноки ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи камбизоатии мардум воситаи муҳим барои ба роҳ мондани ислоҳоти бузурги иқтисодӣ, таҳкими суботи ҷомеа ва тақвияти ваҳдати миллӣ буда, омили муҳимест барои давраи гузариш ба ҷомеаи шаҳрвандӣ.

Маром ва мақсади ҳар як фарди ҷомеа таҳкими ваҳдати миллӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, масъалаи рушди ҷомеа, ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, тарзи ҳаёти солим ва тарбияи насли наврас дар рӯҳияи инсондӯстӣ ва ватандӯстӣ бояд бошад.

*Меҳрулло Нуруллозода,*
*сардори факултети №5,*
*майори милитсия*

# Санҷиши омодабошии ҷангӣ дар Академия



Бо мақсади иҷрои Фармони Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон субҳи рӯзи 22-юми июл санҷиши омодабошии ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳ баргузор гардид. Бо ин мақсад, роҳбарият ва ҳайати шахсии Академияи ВКД низ чун дигар ҷузъу томҳои мақомоти корҳои дохилӣ ва сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, дар саҳни ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҷамъ омаданд.

Дар ин ҷамъомад ҷиҳати ҳимояи марзу буми кишвар, ватандӯстию меҳанпарастии ҷавонон, садоқат ба Ватан ва марзу буми он изҳори назар карда шуд. Зикр карда шуд, ки ин ҳама тадбирҳо ба мураккаб гардидани вазъи ҳарбию сиёсӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, авҷ гирифтани таҳдиду хатарҳо дар сарҳади давлатӣ нигаронида шуда, ҳадафи аслии он ҳимояи марзу буми кишвар ва дар ин замина, дар ҳолати омодабош нигоҳ доштани захираҳои сафарбарӣ ва кулли воситаҳои мавҷуда мебошад.

Қайд карда шуд, ки соҳиби марзи муқаддас будан дар баробари унсурҳое чун забони давлатӣ, таърихи пурифтихори бостонӣ ва арзишҳои фарҳангӣ ин ҳама нишонаҳои муҳимтарини соҳибистиқлолии давлати миллӣ ва давлатдории навини мо мебошад.

Тавре аз таъкидҳои ҳамешагии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, сарҳади давлатӣ миёни Тоҷикистон ва Афғонистон на танҳо барои кишвари мо, балки барои тамоми мамлакатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳамчун сарҳади ҷанубӣ мавқеи бисёр муҳим дорад. Яъне, сарҳадбонони тоҷик бо ҳимояи марзҳои давлати Тоҷикистон бехатарии кишварҳо ва минтақаҳои дигари дунёро низ аз хатару таҳдидҳои ҷаҳони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ҳифз карда истодаанд. Ин қисмати сарҳади давлатии мо асосан аз минтақаву мавзеъҳои мураккаб ва душворгузар иборат мебошад. Дар ин росто моро зарур аст, ки бо истифода аз имконоти мавҷуда барои омода намудани сарбозон ва дигар кадрҳои соҳавӣ таваҷҷуҳи махсус равона намоем. Зеро иқтидори мудофиавӣ ва қобилияти ҷангии ҷузъу томҳо, дар навбати аввал, аз сатҳи касбият, донишу таҷриба ва маҳорату малакаи кадрҳои низомӣ вобаста мебошад.

Бигзор, дар сарзамини соҳибистиқлоли Тоҷикистон сулҳу оромӣ ҳамеша пойдор бошад ва мо тамоми саъю кӯшиши худро ба он равона созем, ки сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллӣ ба хотири ояндаи неки кишварамон устувору ҷовидон боқӣ монад.

# Вусъати ҳамкориҳо бо Академияи политсияи Фаронса




Мутобиқи супориши Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро, санаи 22-юми июл ба Академия Директор оид ба омӯзиш ва робитаҳои байналмилалии Академияи миллии политсияи Вазорати корҳои дохилии Фаронса, Комиссари дивизия ҷаноби Лоран Москателло ва директори лоиҳаи "Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Осиёи Марказӣ" (LEICA), ҷаноби Генаэл Ле Бретон ташриф оварданд.

Меҳмонон муовини сардори Академия оид ба илм полковники милитсия Саидзода З.А., сардори ШТИ ва ТН подполковники милитсия Мансурзода А.М., сардори шуъбаи таълим полковник милитсия Насуриён П.А., сардори факултети №6 полковники милитсия Нозирӣ Н.А., сардори факултети №5 майори милитсия Меҳрулло Нуруллозода, сарнозир оид ба робитаҳои байналмилалии ШТИ ва ТН полковники милитсия Каримова Л.М. истиқбол гирифтанд.

Мақсади ташриф овардан ба Академия муҳокимаи самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ байни Академияи миллии политсияи ВКД Фаронса ва Академияи ВКД ҷиҳати тайёр намудани кадрҳои баландихтисос дар самти муқовимат бар зидди терроризм ва пешгирии экстремизми таҷовузкорона буд.

Директор оид ба омӯзиш ва робитаҳои байналмилалии Академияи миллии политсияи Вазорати корҳои дохилии Фаронса, Комиссари дивизия ҷаноби Лоран Москателло иттилоъ дод, ки Академияи миллии политсияи ВКД Фаронса (ENSP) - муассисаи пешрафтаи таълимии политсияи Фаронса мебошад, ки барои комиссарони политсия омӯзиши ибтидоӣ медиҳад (кормандони баландпояи политсияи оперативии салоҳияти махсуси ҳифзи тартибот). ENSP - муассисаи идоракунии давлатии шаҳрвандӣ мебошад, ки мустақиман бо Раёсати генералии политсияи миллӣ алоқаманд буда, барои кормандони политсияи миллӣ ва инчунин афсарони калони политсияи кишварҳои шарики хориҷӣ омӯзишҳои ибтидоӣ ва доимӣ медиҳад. Мӯҳлати таълим дар ин Академия ду сол буда, аз се қисм иборат мебошад. Дар Академияи мазкур таълим танҳо бо забони фаронсавӣ дода мешавад, барои ин довталабе, ки ба ин муассиса дохил мешавад, ин забонро бояд пурра донад.

Директори лоиҳаи "Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Осиёи Марказӣ" (LEICA), ҷаноби Генаэл Ле Бретон ибрози намуд, ки лоиҳаи мазкур барои гузаронидани тренингҳои омӯзишӣ дар самти мубориза бар зидди терроризм ва пешгирии экстремизм нақшаи кории сесола тасдиқ намуда, мувофиқи барои мутахассисони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, мақомоти корҳои дохилӣ, тренингҳои омӯзишӣ бо ҷалб намудани мутахассисон аз кишварҳои хориҷӣ (аз ҷумла, Россия, Гурҷистон ва г.) омода мебошад.

Баъди мулоқот тарафҳо изҳори умед намуданд, ки таҳкими минбаъдаи ҳамкории самарабахши дутарафа устувор хоҳад шуд.

Пас аз он ҷонибҳо ба якдигар тӯҳфаҳои хотиравӣ супориданд.

*Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ*
*ва табъу нашр*

# Татбиқи адолатноки принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши ҳокимияти судӣ дар давлати ҳуқуқбунёд ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Аз ин рӯ, принсипҳои адолати судӣ (принсипҳои фаъолият ва ташкили системаи судӣ), аз ҷумла адолат, ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон боэътимод ва муқаррар карда шудаанд.

Эҳтимолияти бегуноҳӣ дар моддаи 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ва ба таври дақиқ чунин ифода ёфтааст: "Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳкор дониста намешавад".

Бевосита дар Конститутсия муқаррар намудани эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳам дар амалияи мурофиаи судӣ ҳам дар ҷараёни қонунэҷодкунӣ таъсири мусбӣ дорад.



Давлат ҳамчун асосгузори (таъсисдиҳанда, субъекти) эҳтимолияти бегуноҳӣ амал мекунад, аммо гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда аз ҷониби қонун бегуноҳ ҳисобида мешавад, зеро давлат, ҷомеа дар қонун иродаи худро баён мекунад. Барои истисноҳо дар тафсири моддаи 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номувофиқӣ нисбати субъектҳое, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ ба онҳо дахл дорад, онҳоро бо нишон додани на танҳо айбдоршаванда, балки гумонбаршуда, судшаванда ва маҳкумшуда пурра кардан зарур аст.

Принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ - ин меъёрҳои асосӣ ва роҳбарикунандаи ҳуқуқие мебошад, ки сохтор ва хислати мурофиаи ҷиноятро муайян намуда, бо ҳамин адолати судиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, ҳимояи самараноки ҳуқуқу озодиҳои шахсият, манфиатҳои ҷамъиятро аз таҷовузҳои ҷиноятӣ таъмин менамоянд.

Яке аз сарчашмаҳои асосии фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (минбаъд КМҶ ҶТ). Ин сарчашма принсипҳои мурофиаи ҷиноятиро барои танзими муносибатҳои мурофиавӣ чун асос пешниҳод менамояд.

Мубoризаи муассир бар зидди ҷинояткорӣ бидуни таҳкими кафолатҳои ҳуқуқи шахс, ки дар соҳаи адолати судии ҷиноятӣ иштирок мекунад, ғайриимкон аст. Маҳкум кардани шахси бегуноҳ, ба ғайр аз расонидани азоби номатлуби маънавӣ ва ҷисмонӣ боиси он мегардад, ки гунаҳкори воқеӣ беҷазо мемонад ва аксар вақт фаъолияти ҷиноятии худро идома медиҳад.

Эҳтимолияти бегуноҳӣ яке аз принсипҳои асосии демократии мурофиаи ҷиноятӣ мебошад, ки ҳимояи ҳуқуқи шахсро таъмин мекунад, инчунин маҳкумият ва айбдоркунии беасосро истисно мекунад.

Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ байнисоҳавӣ мебошад, яъне принсипи мазкур дар қонунгузории маъмурӣ, моддаи 15 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҲМ ҶТ).

Эҳтимолӣ бегуноҳӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ принсипест, ки дар моддаи 15 КМҶ ҶТ ва ба ин монанд ва принсипи гунаҳкорӣ дар қонунгузорӣ дар моддаи 7 Кодекси ҷиноятии ҶТ (минбаъд КҶ ҶТ), чунин муқарраротро пешбинӣ кардааст: "Шахс танҳо барои он кирдори ба ҷамъият хавфнок ва оқибати хавфноки ҷамъиятии ба вуқӯъ пайвастани он, ки гуноҳи ӯ нисбати он муайян шудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад".

Амалисозии мусоидтарини ҳуқуқҳои шахсе, ки дар содир кардани ҷиноят гумонбар ё айбдоршаванда аст, дар пешбурди то судии парвандаи ҷиноятӣ ва судшаванда дар пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ танҳо дар сурате имконпазир аст, ки принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳамчун асоси демократия риоя карда шавад.

Мувофиқи моддаи 348 КҶ ҶТ барои дидаю дониста шахси бегуноҳро ба сифати айбдоршавада ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан нисбати таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор ҷавобгарии ҷиноятӣ мустақар гардидааст.

Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ, пеш аз ҳама, тақсимоти мурофиавии бори исботи айбдоркунӣ, яъне уҳдадории кофтуков, ҷамъоварӣ ва ба суд пешниҳод кардани далелҳои гунаҳкории шахсе, ки мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи КМҶ ҶТ ба тафтишот суд пешниҳод шудаанд, муайян месозад.

Дуввум, принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ маънои онро дорад, ки шахси гумонбар ё айбдоршаванда дар содир намудани ҷиноят уҳдадор нест, ки бегуноҳии худро исбот кунад. Далелҳои шубҳаовар дар суд ба манфиати судшаванда ҳал карда мешаванд.

Масалан, бо сабаби нокифоя будани далелҳо, далелҳои номувофиқ, ғайриқонунии усулҳои ҷамъоварии далелҳо шубҳа ба миён омада метавонанд. Агар ихтилофиислоҳнашаванда тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ оид ба гунаҳкории то ба охир расидани тафтишоти судӣ бартараф карда нашуда бошад, суд уҳдадор аст, ки онҳоро ба фоидаи судшаванда, яъне ба бегуноҳ эълон кардани ӯ шарҳ диҳад. Танҳо дар давраи тафтишоти пешакӣ муҳокимаи судӣ далелҳои ҷамъовардашуда ё пешниҳодкардашуда кофӣ бошанд, мумкин аст нисбати шахси (судшаванда) ҳукми айбдоркунанда баровард шавад.

Саввум, гуноҳи шахсро дар содир намудани ҷиноят танҳо суд муайян менамояд. Гумон кардан ё айбдор кардани шахс дар содир намудани ҷиноят дар марҳилаи то судӣ аз ҷониби мақомоти тафтишот ё таҳқиқ тарафи объективии ҷиноят, ки дарбаргирандаи моддаи 85 КМҶ ҶТ мебошад, муайян карда шавад. Гуноҳ қисми таркибии тарафи субъективии ҷиноят маҳсуб мёёбад. Худи ҳамин муқаррарот ба прокуратура ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар суд ва намояндагони васоити ахбори омма дахл дорад. Пеш аз баровардани ҳукм доир ба гунаҳкории шахс сухан рондан на он қадар дуруст мебошад.

Чорум, эҳтимолияти бегуноҳӣ дар он зоҳир мешавад, ки додани нишондод, ҳуқуқи гумонбаршуда ё айбдоршаванда буда, вараҷи холии протоколи пурсиш ва надодани баёнот ё ҷавоб ба саволҳои алоҳида, далели гунаҳкории ӯ ҳисобида намешаванд ва барои ҳукм асос шуда наметавонанд.

Панҷум, агар ба муқобили як шахс ҳамчун далели гунаҳкории ӯ, мақомоти анҷомдиҳандаи тафтиши пешакӣ танҳо эътирофҳои худ ё нишондода худикрориро дошта бошанд, ки ӯ ҳадди ақал як изҳороти шифоҳиро ҳангоми санҷиши судии айбдоркуниҳо рад кунад, пас ин нишондодҳоро суд ҳамчун далели гуноҳи ӯ ба эътибор гирифта наметавонад ва худикрории ӯ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ дар якҷоягӣ бо дигар далелҳо баррасӣ карда мешавад ва худ барои баровардани ҳукм асос буда наметавонад.

Шашум, агар худи ҳимоятгар ё айбдоршаванда дар ҷараёни тафтишоти пешакӣ ё судӣ далелҳои сафедкунандаро нишон дода бошанд - нишондоди мавҷудияти ҳолатҳои объективӣ, ки дар бораи бегуноҳии айбдоршаванда шаҳодат медиҳанд, пас барои ҷамъоварӣ ва ба суд пешниҳод кардани далелҳои радкунандаи далелҳои ҳимоя низ ба зиммаи онҳо гузошта мешавад.

Ҳафтум, ҳукм наметавонад аз рӯи тахминҳо, ҳатто аз ҷониби шахсони хеле мӯътабар ё мақомот асос ёбад. Дар сурати мавҷуд набудани далелҳои мувофиқ, ба тахминҳои тафтишот ё суд асос ёфта наметавонад. Он наметавонад ба нишондоди манбаъҳои беном асос ёбад, ки маълумоти мушаххаси онҳо ба суд маълум нест.

Таркиби ҳар як ҷиноят аз чаҳор элемент иборат аст: объект, тарафи объективӣ, субъект, тарафи субъективӣ. Гузашта аз ин, барои ҳар як таркиб қонунгузор шакли гуноҳро муайян мекунад. Дар сурати набудани ҳадди ақал яке аз элементҳои таркиби ҷиноят ҷавобгарии ҷиноятӣ мутобиқи моддаи 11-и КҶ ҶТ истисно мегардад.

Дар сурати мавҷуд будани аломатҳои ҷиноят дар кирдор, асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ шуда метавонад ва минбаъд барои гунаҳкории шахс дар содир намудани кирдор далел ҷамъ овардан мумкин аст, яъне аҳамияти минбаъда ба аломатҳои таркиби ҷиноятӣ дода мешавад.

Принсипи масъулияти гунаҳкор масъулиятро тибқи алгоритми зерин пешбинӣ мекунад: солимфикр - субъект - гунаҳкор - ҷавобгар - ҷазо.

Гузашта аз ин, ҳар як унсури қаблии ҷавобгарии ҷиноятӣ занҷираи унсурҳои минбаъдаро бекор мекунад. Аз ин рӯ, бидуни гуноҳ, на масъулият ва на ҷазо имконнопазир аст.

Набудани далелҳои гунаҳкории шахс дар содир кардани ҷиноят сабаби беҷунуҷаро барои қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ бо сабаби мав-

→

чуд набудани асос барои ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс дар суди марҳилаи аввал ва асоси бекор кардани ҳукм дар суди марҳилаи касатсионӣ мебошад.

Ҳаштум, ҷанбаи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар он аст, ки гуноҳ ҳамчун асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд дар воқеияти объективӣ зоҳир гардад. Ҳеҷ кас наметавонад барои андешаҳои худ, барои ҳолати хатарнок, барои муошират бо муҳити ҷиноятӣ ҷазо дода шавад, ба шарте ки чунин тарзи тафаккур ё рафтор хатари ҷамъиятӣ ба ҳисоб наравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари эътибори субъективист, на эътибори объективӣ, яъне ҷавобгарӣ барои зарари бегуноҳ манъ аст, қисми 3 моддаи 5, моддаи 11 ва моддаи 31 КҶ ҶТ. Танҳо амали гунаҳкори содиршуда метавонад боиси пайдоиши оқибатҳои пешбининамудаи Кодекси ҷиноятӣ гардад. Дар баробари ин, муносибати шахс ба амал дар тахассуси санадҳо нақши назаррас дорад.

Гуноҳ мувофиқи моддаҳои 27-29 КҶ ҶТ метавонад танҳо дар ду шакл зоҳир шавад: қасдан ё беэҳтиётӣ. Ғайр аз он, ба як қатор ҷиноятҳое, ки дар КҶ ҶТ мавҷуданд, ду шакли гуноҳ хос аст, моддаи 30 КҶ ҶТ - агар шахс дар натиҷаи қасдан содир намудани ҷиноят аз беэҳтиётӣ дигар оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокро расонад, ки боиси таъини ҷазои сахттар мегардад, чунин ҷиноят қасдан содиршуда эътироф мешавад.

Кирдоре, ки танҳо бо хунукназарӣ содир шудааст, дар ҳолате ҷиноят эътироф карда мешавад, ки агар он махсус дар моддаи дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда бошад. Танҳо дар ин ду шакл ин хусусияти хатмии ҳар як ҷиноятӣ мебошад.

Аҳамияти ин мақола аз он иборат аст, ки аз мавқеи ҳуқуқӣ, эҳтимолияти бегуноҳӣ яке аз дастовардҳои муҳимтарини инсоният ба ҳисоб меравад. Аксар давлатҳои мутамаддин дар давраи Инқилоби Бузурги Фаронса ҳамчун ғояи иҷтимоию сиёсӣ пайдо шуда, роҳи пуразоб ва душвори беҳбудиро паси сар карданд ваэҳтимолияти бегуноҳиро ҳамчун як узви ҷудонашавандаи волоияти қонун ва ҷузъи ниҳоди демократӣ мешуморанд.

Ҳамин тариқ, мо бори дигар қайд мекунем, ки то баровардани ҳукми суд ва эътибори қонунӣ пайдо намудани он, ҳеҷ кас барои содир кардани ҷиноят гунаҳкор дониста намешавад. Новобаста ба вазнинии ҷинояти содиршуда, ҳангоми мавҷудияти далелҳои раднопазир шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Ин қоида эҳтимолияти бегуноҳӣ номида мешавад. Эҳтимолияти бегуноҳӣ на фикри шахсии як шахси муайян, балки мавқеи объективии ҳуқуқиро ифода мекунад.

Дар раванди ҷиноятӣ танҳо дар давлати демократӣ, ки дар он суд субъекти ё мақомоти таъқиби ҷиноятӣ нест, балки як ниҳоди мустақил ва касбии амалисозии адолат мебошад, принсипи эҳтимолияти бегуноҳиро таъмин кардан мумкин аст. Ҷамъияти демократӣ озод, ба як шахси мушаххас нигаронида шуда, ҳисси эҳтироми анъанаҳо ва қонунҳои ҳуқуқӣ, ормонҳои умумии инсондӯстӣ, таъмини озодии фаъолияти эҷодӣ ва соҳибкориро фароҳам меорад, барои ба даст овардани шукуфоӣ ва татбиқи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат мекунад.

***З. Рустамзода,***
***муаллими калони кафедраи муҳандиси техникии факултети №5,***
***подполковники милитсия***
***Исозода С.И.,***
***курсанти курси 3 факултети № 2,***
***сержанти хурди милитсия***

# Айёми наврасӣ ва хатарҳои пешорӯйи он



Дар замони муосир яке аз проблемаи ҷиддӣ дар ҳаёти ҷавонон истеъмоли маводи нашъовар аст. Вазъи ҷиноятӣ хатари сирояти бемориҳои гуногун, аз ҷумла ВНМБ (ВИЧ) - вируси норасоии масунияти бадан/АНМБ (СПИД) - аломати норасоии масунияти бадан, ин мушкилотро сангинтар мекунад. Ғайр аз, ин на танҳо барои истеъмолкунандагон, балки барои наздикону атрофиёни онҳо, барои кулли ҷомеа, зарари маводи мухаддир андак нест. Аз ин сабаб, барои ҳалли ин мушкилот таваҷҷуҳи асосӣ бояд ба чораҳои пешгирикунанда дар байни наврасон равона карда шавад. Наврасон гурӯҳи бештар осебпазиранд ва ин осебпазирӣ ба махсусиятҳои ҷисмонӣ, рӯҳонӣ, иҷтимоии синну сол вобаста аст. Наврасӣ айёми ҳолатҳои ташаннуҷи рӯҳист, ки дар тавон мудовимот нодиранд, бо тағйироти пайвастаи шадид, ки дар бадани инсон ва ҳаёти иҷтимоӣ ба амал меоянд, вобастаанд.

Оқибатҳои нашъмандии наврасон нисбат ба калонсолон вазнинтар аст. Пеш аз ҳама, қобилиятҳои ақлонӣ, механизмҳои таъминкунандаи солимии ирсият осеб мебинанд, шахсияти нағз инкишоф наёфта, норасида мемонад.

Донистани падару модар зарур аст, ки назорати рафтори фарзандон бояд ғамхорона, мададгорона ва воқеъбинона бошад, наврасонро чӣ хеле, ки ҳастанд ҳамон хел дарк намудан лозим аст. Волидон бояд ботаҳаммул, дилсӯз ва маслиҳатгару роҳнамои писарону духтарони худ бошанд. Бисёр вақт, бо мақсади ҳимояи наврасон аз зуҳуроти хатарнок, волидон монеаҳое эҷод мекунанд, ки аз фоида дида зарарашон зиёдтар аст.

Манъ кардани дӯстӣ бо ҳамсолон, рафтан ба дискоклубҳо (дискотека), манъи сайру гашт бо фарорасии торикӣ ва ҳоказо, боиси аз муошират бароям муҳим маҳрум шудани наврас мегарданд. Дар натиҷа, ӯ ба фиреб додани волидон мепардозад, ё баръакси иродаи онҳо амал мекунад ва мунoқишаву даъвоҳое сар мезананд, ки барои ҳаёти фарзандон хавфу хатарҳо доранд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки чунин бархӯрд ба мушкилот созанда нест, зеро наврасон тамоюли манфӣ қабул кардани мамнӯъҳову дастурҳоро доранд. Онҳо эроду танқидҳоро хеле дарднок қабул мекунанд. Наврасон на танҳо барои дарёфти ҳузуру ҳаловат аз пайи маводи барангезандаи рӯҳ (алкогол, никотин, нашъа) мераванд. Онҳо ба ин васила мехоҳанд ҳудуди имкониятҳояшонро бисанҷанд ё дар чашми ҳамсолон худро мустақилу устувор, ба балоғат расида нишон диҳанд. Наврасон, инчунин маводи мухаддирро василаи қанор рафтан аз мушкилоти сангини муносибату муошират байниҳамдигарӣ медонанд, воситаи кам кардани дарди талафот, яъсу ноумедиҳо, бартараф намудани монеаҳо дар муомила меҳисобанд.

Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, ки "муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир омили дигари нигаронкунанда буда, яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории терроризми байналмилалӣ махсуб меёбад".

Вобаста ба ин, Прокуратураи генералӣ, Агентии назорати маводи нашъаовар, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Хадамоти гумрук вазифадоранд, ки бо мақсади пурзӯр намудани мубориза бар зидди воридшавии маводи мухаддир ба кишвар ҳамкориро байни ҳамдигар, инчунин, ҳамгироии фаъолияти мақомоти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои хориҷие, ки бо мо дар ин самт ҳамкорӣ менамоянд, вусъат диҳанд.

Яке аз сабабҳои ба мухаддирот рӯй овардани мардум он аст, ки одамон мушкилоту ҳолатҳои ташаннуҷи рӯҳ (стресс)-ро дурусту оқилона бартараф карда наметавонанд. Наврасон намедонанд, ки барои халосӣ аз фишору шиддати рӯҳӣ ба кӣ мурочиат кунанду аз кӣ маслиҳат пурсанд. Онҳо дарди дилашонро бештар ба ҳамсолони худ мегӯянд ва ҳамсолон, табиист ки на ҳамеша маслиҳати дурусту бе оқибати хатарнок дода метавонанд. Аз ин ҷост, ки бароӣ баромадан аз ҳолатҳои гарони рӯҳӣ ба роҳи нодурусту хатарнок мераванд: сигор мекашанд, шароб меҳӯранд, нашъа истеъмол мекунанд.

Эҳсосоти тезутунди балоғат ва ноустувории рӯҳию ҷисмонӣ пеши чашми наврасонро мегирад, онҳо хавфу хатарҳои роҳи зиндагиро, ки волидону омӯзгоронашон мебинанд ва фарзандону шогирдони худро аз ин ногувориҳо ҳимоя кардан мехоҳанд, дида наметавонанд, муносибатҳои омӯзгоронаю тарбиятгаронаи калонсолонро маҳдуду хурд кардани шахсияти хеш медонанд.

Пас лозим аст, ки дар асоси барномаҳои махсус бо ҷавонон ва наврасон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ, чорабиниҳо ва воҳӯриҳо, маҳфилу мизҳои мудаввар бо иштироки намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ гузаронида шаванд. Мо, аҳли ҷомеа, набояд ба он роҳ диҳем, ки мафкураи кӯдакон бо иттилооти нолозим пур карда шавад. Омӯзгорон, волидон, сохторҳои маориф ва фарҳанг тадбирҳои мушаххас андешем, чорабиниҳои ҷолиб доир кунем, ки бачагон ба онҳо ҷалб гардида, дар майнаашон ақидаву афкори солим ҷой карда шавад. Алалхусус, дар деҳоти дурдаст ба касбомӯзӣ, ба маҳфилҳои гуногун ҷалб намудани бачагон аҳамияти калон дорад.

Барои ҳамин ҳам, мо, аҳли ҷомеаро зарур аст, ки бори дигар ба таълиму тарбия, пурсамар гузаронидани вақти наврасону ҷавонон, ҷалби онон ба маҳфилҳои ҳунаромӯзӣ ҷиддӣ назар намоем. Дар чунин вазъият ҳар як фарди соҳибмаърифат ва хосса падару модарро масъулияти азим мебояд. Зеро, аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намудан ба масъалаи тарбияи насли наврас ва ҷавонон яке аз омилҳои мубориза бар зидди зуҳуроти нанговари ҷомеаи имрӯза, яъне нашъамандӣ махсуб меёбад. Ҳар кадоми мо бояд ба тақдири ватанамон бепарво набошем, онро дӯст дорем ва бахри ҳифзи он тамоми чораҳоро андешем.

***Раҷабалиён А.Р.,***
***муаллими кафедраи ташкили тактикаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети №6,***
***лейтенанти милитсия***

## "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф"

# Шарҳи ҳодисаҳои гирифти Офтоб ва Моҳ

Шояд ҳамаи мо дар ҳаёти шахсии хеш бавуҷудоии ин ҳодисаҳоро шунидаем ва ҳатто мумкин аст шоҳиди ин ҳодисаҳои аҷоиби табиӣ гашта бошем. Албатта нисбати ин падидаҳо ба худ савол мегузорем, ки кадом омилҳо сабабгори пайдоишашон мегарданду дар маҷмӯъ онҳо чӣ гуна ҳодисаҳои табиатанд.

Дар замонҳои қадим низ бавуҷудоии ин ҳодисаҳо мушоҳида карда мешуд. Одамон баробари бавуҷудоии ин ҳодисаҳоии асроромез ҳар гуна ақидаҳои мухталиф пешниҳод намуда, нисбат ба ин падидаҳои табиат тарсу ҳарос доштанд. Ҳатто баъзеашон чунин мепиндоштанд, ки кадом як ҳайвони золим кӯшиш дорад Офтобро вайрон созад. Агар гирифти Офтобу Моҳ муддати тӯлонӣ давом мекард онҳо ба кӯчаҳо баромада ба ҷанг омодагӣ медиданд. Табақаи дигари онҳо ин ҳодисаҳои табиатро ҳамчун қувваи илоҳӣ шуморида оид ба гирифтани Офтобу Моҳ ривоятҳои зиёде навиштаанд.

Имрӯзҳо илм исбот намудааст, ки гирифти Офтоб ва Моҳ падидаи (табиист) астрономист. Гирифт - ҳодисае, ки дар он як ҷирми осмонӣ монеъи афтиши рӯшноӣ ба ҷирми дигар мегардад. Машҳуртарин гирифт: ин гирифти Офтоб ва Моҳ мебошад. Инчунин, гузариши якҷояи сайёраҳои дигар аз курси Офтоб низ мавҷуд аст. Вале ин ҷо мо гирифти Офтоб ва Моҳро шарҳ медиҳем.

Ҳангоми гирифти Офтоб асосан се ҳолат вуҷуд дорад:

1. Гирифти қисман;
2. Гирифти пурра;
3. Гирифти ҳалқашакл.

### Гирифти Офтоб

Гирифти Офтоб падидаи астрономиест, ки Моҳ ҳангоми ҳаракати хеш қисман ва ё пурра сатҳи Офтобро мепӯшонад. Яъне, дар ин ҳолат Моҳ дар байни Офтоб ва Замин ҷой мегирад. Албатта, ин ҳодиса дар он ҳолат ба амал меояд, ки агар тарафи норавшани Моҳтоб ба сӯи Замин нигаронида шуда бошад (яъне, Моҳро аз Замин дида нашавад). Дар ин ҳолат таассуроте ба вуҷуд меояд, ки гӯё Офтоб бо даври сиёҳе пӯшонида мешавад. Ва ин падидаро гирифти Офтоб мегӯянд.




Диаметри сояи Моҳ дар сатҳи Замин аз 270 км зиёд нест ва он аз рӯи як тасмаи борик ҳаракат мекунад. Одамоне, ки дар ин минтақа зиндагӣ мекунанд, метавонанд гирифти Офтобро мушоҳида кунанд. Суръати миёнаи ҳаракати сояи Моҳ дар сатҳи Замин ба 1км/с баробар аст. Азбаски Моҳ аз рӯи мадори эллипсӣ ҳаракат мекунад, масофаи байни Замину Моҳ тағйир меёбад. Ва диаметри соя дар рӯи Замин мутаносибан дар ҳар гирифт гуногун буда, аз якдигар фарқ мекунад. Агар мушоҳид дар зери сояи он қарор дошта бошад, ӯ гирифти пурраи Офтобро мебинад. Дар ин ҳолат Моҳ ба пуррагӣ сатҳи Офтобро мепӯшонад ва эҳтимол аст, ки сайёраҳову ситораҳои осмон намудор гарданд. Гирифти пурраи Офтоб якчанд дақиқа давом мекунад.

Дар сайёраи Замин ҳар сол асосан 3 (баъзан 4 маротиба) гирифти Офтоб ба амал меояд. Ба ҳисоби миёна дар тӯли 100 сол то 237 гирифти Офтоб шуда, 160-тои он гирифти қисман, 63-то гирифти пурра ва 14-тои он гирифти ҳалқамонанд мебошад. Тӯлонитарин гирифти пурраи Офтоб 15-уми январи соли 2010 дар Ҷанубу Шарқии Осиё рух дода, ки муддати 11 дақиқа давом намудааст. Диаметри Офтоб аз Моҳ қариб 400 маротиба калон аст, лекин аз сабаби он, ки масофаи Замину Офтоб, аз масофаи Замину Моҳ 400 маротиба зиёд аст, доираҳои дидашавандаи онҳо аз Замин ба ҳам баробар метобанд. Яъне, дурии Офтобу наздикии Моҳ боиси андозаҳои якхела доштани онҳо аст. Дар эҷодиёти халқ зарбулмасале ҳаст: "Офтобро бо доман пӯшонида намешавад". Ин дуруст аст, вале Офтобро бо танга ҳам пӯшонидан мумкин аст: фақат ба он шарт, ки тангаро бевосита дар назди чашм нигоҳ дорем. Дар ин ҳолат доираи танга ба доираи ба назар намоёни Офтоб баробар гардида, он аз назар нопадид мегардад.

### Гирифти Моҳ

Гирифти Моҳ дар он ҳолат рух медиҳад, ки агар Моҳтоб дар вақти ҳаракати худ ба сояи Замин дохил шавад. Диаметри сояи Замин дар масофаи 363000 км қариб ба 2,5 диаметри Моҳ баробар аст. Бинобар ин, Моҳ дар ин ҳолат пурра нонамоён мегардад. Ҳангоми чунин гирифт Замин гирду атрофро торик ва нимторик низ мекунад, яъне, сояи Замин дар ин ҳолат ба соя ва нимсоя ҷудо мешавад. Моҳ дар вақти гирифт аввал ба нимсоя ва баъдан ба сояи Замин ворид шуда, дар он гирифти қисман ва пурра ба амал меояд. Дар ҳолати гирифт Моҳ одатан ба сояи Замин аз канори чап дохил мешаваду аз тарафи рост мебарояд. Гирифти Моҳ мумкин аст то 1 соату 48 дақиқа давом намояд ва дар як сол вобаста ба ҷойгиршавии маҳал аз 2 то 3 гирифти Моҳ ба амал меояд.




*К.А. Холзода,*
*омӯзгори Академия*

# Ҷавонон - сарчашмаи ташаббусҳо

Маҳаки асосии пешрафти ҳар давлату миллат аз ҷавонони он вобаста аст. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 70%-и аҳолии онро ҷавонон ташкил медиҳанд. Инро ба назар гирифта, Ҳукумати кишвар Қонун "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон"-ро қабул ва тасдиқ намуд, ки он ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҷавононро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд.

Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодии тарбия, ташаккул ва таҳаввули ҷавононро муқаррар намуда, принсипҳо ва тадбирҳои татбиқи сиёсати давлатро дар соҳаи истифодаи пурсамари нерӯи зеҳнӣ ва маънавии онҳо, ки бо манфиати ҷамъият равона мешавад, муайян мекунад.

Гурӯҳи иҷтимоию демографие, ки шахсони аз 14 то 30-соларо дар бар мегиранд, ҷавонон мебошанд. Ҷавонон дар ин синну сол ҳуқуқ ба таҳсил, меҳнат, фароғат, ширкат дар ҳаёти ҷамъиятӣ, иқтисодӣ ва сиёсии кишвар, саҳм гузоштан дар ташаббусҳои иҷтимоидоштаи ҷомеа, озодии афкору мустақилияти комил дар доираи қонун ва ташкили оиларо доранд.

Ҷавонони боилму бофарҳанг дар ҳама давру замон қувва ва такягоҳи асосии давлат ва омили пешрафти миллат мебошанд. Ин масъала на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар аксари кишварҳои олам чӣ дар гузаштаи таърихӣ ва чӣ имрӯз ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи Ҳукумату давлат қарор дорад.

Тавре аз таърих огаҳӣ дорем, аз давраҳои қадим ба ҷавонон ҳамчун нерӯи бузурги ҷисмонӣ диққат дода, онҳоро аз лиҳози рӯҳиву равонӣ барои таъмини амнияти кишвар ва ба хотири амалӣ намудани амалиётҳои ҳарбии давлатӣ омода ва истифода мекарданд. Дар он даврaҳо ҷавонони махсусан аз ҷиҳати ҷисмонӣ обутобёфта ва далеру шуҷоъ, ҳамчун захираи муҳими давлат ба шумор мерафтанд.

Дар ҳоли ҳозир бинобар тағйир ёфтани сохти давлатҳо ва тафаккур танҳо қувваи ҷисмонӣ барои рушду инкишофи кишвар кифоя нест. Яъне, имрӯз ҷавонон бо идеяву андешаҳои солим ва созандаи худ метавонанд дар инкишофи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсату фарҳанги давлат саҳмгузор бошанд.

Имрӯз мо, ҷавонони Тоҷикистон дар маркази диққати Ҳукумату давлат қарор дорем. Барои кашфи истеъдоду идеяҳои созандаву бунёдкори мо ҳама шароитҳо фароҳам оварда шудааст. Дар мадди аввал ҷавонон ҳуқуқ ба таҳсил доранд ва ҳамзамон ҷавонони соҳибистеъдод дорои имтиёзҳо низ ҳастанд.

Шароиту имкониятҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо ҷавонони тоҷик муҳайё сохтааст водорамон месозад, ки баҳри ояндаи миллату давлат бетаваҷҷӯҳ набошем, ҳамчун як шахсияти ватандор имрӯзи ватанамонро ҳифозат намоему баҳри ояндаамон имрӯз кӯшиш намоем. Аз панду ҳикмат ва таҷрибаи бойи бузургону ҳакимон ва сиёсатмадоронамон дарси ҳаёту зиндагӣ, ҷавонмардӣ , ватандӯстӣ ва созандагиву ободкорӣ гирифта, мақсадиояндаи худро аз таҷрибаи онҳо дар амал татбиқ намоем.

*Хайрандеш Назаров,*
*курсанти факултети №2*



МУАССИС:
Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Раҳимзода Р.Ҳ.
*Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Шарифзода Ф.Р. — *Сардори Академияи ВКД*
Кабирзода Ҷ.Ҳ. — *Муовини аввали сардори Академияи ВКД*
Саидзода З.А. — *Муовини сардори Академияи ВКД*
Ализода А.Ш. — *Муовини сардори Академияи ВКД*

*САРМУҲАРРИР:* Умед Олим
*СУРАТГИР:* Шавкат Убайдуллоев
*ТАРРОҲ:* Муҳаббат Рашидова

Барои истифодаи матолиби нашрияи "Набзи милитсия" нишон додани манбаъ ҳатмист.

Нашрия аксҳо ва бархе матолибро аз шабакаи ҷаҳонии Интернет истифода мебарад.

Аксҳо ва дастнависҳои ба идораи нашрия воридшуда ба муаллифон баргардонда намешаванд.
Маводҳои дастнавис қабул карда намешаванд.

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №242/РЗ-97 аз 12 апрели соли 2021 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

НИШОНӢ:
734025, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3.

Телефонҳо:
226-60-43 (факс),
226-60-42, 226-60-60, 907-50-37-45

Нашрия дар чопхонаи «Мега-принт» аз чоп баромад.

Адади нашр: 500 нусха